«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Сафарзода М.В. ______________
аз «__14__» ____________ с. 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика).**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.3.10.1. Назария ва технологияи таълими математика комилан мувофиқат менамояд. Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалии методикаи таълими математика, роҳҳои такмили раванди таълим ва инкишофи дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ тавассути масъалаҳои ғайристандартӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

2. **Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилакунонии рушди ҷомеа масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот ва тайёрии касбии мутахассисон, махсусан омӯзгорони математика, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин масъала дар «Қонуни ҶТ дар бораи таҳсилот», «Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030» ва «Консепсияи рушди таҳсилот дар ҶТ то соли 2030» ҳамчун вазифаи муҳим муайян карда шудааст.

Тавре ки таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ ва таҷрибаи таълимӣ нишон медиҳад, истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар курси математика дониш, тафаккури эҷодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳои ғайриоддии донишҷӯёни курси поёнӣ инкишоф ёбад. Бо вуҷуди ин, масъалаи методикаи истифодаи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ то ҳол ба таври мукаммал таҳқиқ нагардидааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, саривақтӣ мебошад.

3. **Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Ҳамаи муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф бар пояи таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва натиҷаҳои озмоиши таҷрибавӣ асос ёфтаанд. Маълумоти омории боби сеюм ва муқоисаи онҳо бо натиҷаҳои гурӯҳҳои назоратӣ асосноки илмии гузоришҳои муаллифро бори дигар тасдиқ менамоянд.

4. **Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқи анҷомёфта аз ҷониби муаллиф дар ҷанбаҳои зерин муайян ва асоснок карда шудааст:

- таъсири мазмуни маводи таълимии математика бо истифода аз масъалаҳои ғайристандартӣ мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳадаф, баланд бардоштани сифати таълим ва афзун намудани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши математика мебошад;
- таҷрибаҳои амалӣ оид ба истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар ҷараёни таълими фанни математика коркард ва бо натиҷаҳои мусбат тасдиқ шудаанд;
- натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён дар раванди татбиқи масъалаҳои ғайристандартӣ аз математика ҳангоми омӯзиши ин фан таҳлил гардида, самаранокии он муайян шудааст;
- дастурамали умумии методикаи таълими ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ пешниҳод карда шудаанд;
- мавқеи системавӣ ва равиши фаъолиятӣ – шахсӣ мушкилоти рушдёбии дониши математикии донишҷӯён дар раванди таълим дар замони муосир баррасӣ шудааст.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия:** Натиҷаҳои пажуҳиши анҷомёфта дорои аҳаммияти чандинҷанба мебошанд.

Аҳаммияти илмӣ аз инҳо иборат аст:

-таҳлил ва синтези масъалаҳои ғайристандартӣ аз нуқтаи назари истифодаи далелноки онҳо ва ташкили фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ;

- муайян кардани моҳияти методии истифодаи маводҳои масъалаҳои ғайристандартӣ ва ҷудо намудани муҳиммияти онҳо аз нуқтаи назари методологияи омӯзиши математика;

- муайянсозию асосноккунии шартҳои педагогӣ ҷиҳати дар системаи методи таълими математика истифодаи маводҳои масъалаҳои ғайристандартӣ дошта.

Аҳаммияти амалӣ дар инҳо зоҳир мегардад:

- асосҳои назариявӣ, барномаи таълимӣ, коркардҳои методии онро ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои методӣ тафтиши сифати дониши донишҷӯён истифода бурдан мумкин аст;

- маводи таҳқиқии илмӣ-методии пешниҳодшударо барои тайёрии касбӣ-методии омӯзгорони оянда математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурдан мумкин аст;

- тавсияҳои методӣ ҷиҳати истифодаи маводҳои масъалаҳои ғайристандартӣ дошта, барои баланд бардоштани сифати таълими фанни математика пешниҳод карда шуданд;

- комплекси таълимӣ-методӣ таҳия ва ба истифода дода шуд, ки он ба ташаккули компоненти математикию методии омӯзгори оянда математика мусоидат мекунад.

Аҳаммияти иқтисодӣ аз он иборат аст, ки татбиқи методикаи пешниҳодшуда дар баланд шудани сифати тайёрии касбии омӯзгорони математика мусоидат намуда, дар натиҷа ба баланд шудани самаранокии раванди таълим ва сарфаи вақти таълимӣ оварда мерасонад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқи ба инкишофи тафаккури эҷодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои ҳаёти донишҷӯён мусоидат намуда, барои тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар соҳаи маориф замина фароҳам меорад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи маҷмуи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ таъмин гардидааст.

Аз ҷумла:

- истифодаи усулҳои методологӣ ва назариявӣ;
- истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам алоқаманди таҳқиқоти илмӣ, ки ба мақсаду вазифаҳои гузоштшуда ҷавобгӯянд;
- мувофиқати натиҷаҳои назариявӣ, басанда будани сарчашмаҳои истифодашуда;
- мустанадии усулҳои озмоишии истифодашуда ва маълумоти дар рафти таҳқиқи озмоишӣ ҳосилшуда;
- такя ба таҳқиқи бунёдӣ дар педагогика, психология, методикаи таълими математика;

– гузаронидани озмоиши педагогӣ бо ёрии усулҳои маълуми математикӣ-оморӣ ва коркарди натиҷаҳои он.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб аз таҳлили амиқи адабиёти илмӣ-методӣ, таҳқиқ ва тавзеҳи маълумоти истифодашуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо баёни натиҷаҳои ноилшуда; коркарди методологии масъалаҳои ғайристандартӣ; равандҳои омӯзиши масъалаҳои ғайристандартӣ; таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ; омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии таълими фанни математика барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ; сохторбандии стандартҳои барномаҳои таълимӣ ва озмоиши педагогӣ, дар коркарди нишондодҳои методӣ оид ба масъалаҳои ғайристандартӣ иборат аст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқ дар 21 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, 1 дастури таълимӣ 15-тои боқимондаашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Мақолаҳои тақризшаванда ба мавзуи кори диссертатсия тааллуқ дошта, дар маҷаллаҳои ба ҳамин самт вобастабуда нашр шудаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расонидани он. Сохтор ва ҳамъи диссертатсия.** Диссертатсияи довталаб кори илмии анҷомёфта буда, аз нигоҳи сохтор, мундариҷа ва мантиқи пешниҳоди мавод ба талаботи муосири илми педагогӣ ҷавобгӯ мебошад. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 203 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, дар он 11 ҷадвал ва 5 расм оварда шудааст.

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки диссертатсия аз нуқтаи назари мазмунӣ, сохторӣ ва методӣ пурра ва бо сифати баланд ба анҷом расидааст ва барои арзёбии илмӣ ва истифодаи амалӣ ба таври кофӣ асоснок мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқ, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Нақши масъалаҳои ғайристандартӣ дар рушди дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» проблемаҳои назариявӣ-методологии истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф бо такя ба дастовардҳои психологияи педагогӣ ва дидактикаи математика моҳият, вазифаҳо ва аломатҳои фарқкунандаи масъалаҳои ғайристандартиро муайян намудааст.

Дар боб исбот карда шудааст, ки истифодаи системавии чунин масъалаҳо ба инкишофи тафаккури мантиқӣ, эҷодӣ, интиқодӣ, қобилияти мустақилона қарор қабул кардан ва шавқи донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ мусоидат менамояд. Марҳилаҳои асосии методикаи ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ: таҳлили вазъият, моделсозӣ, ҷустуҷӯйи роҳи ҳал, татбиқ ва таҳлили натиҷа муайян ва асоснок карда шудаанд.

Дар боби дуюм, «Ҷанбаҳои назариявии методии инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими математика» робитаи диалектикии инкишофи дониш, қобилият ва фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими математика мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки фаъолияти эҷодӣ ҳамчун омили асосӣ ҳам ба амиқ шудани донишҳои математикӣ ва ҳам ба ташаккули қобилиятҳои эҷодии шахсият таъсири мустақим мерасонад.

Яъне: дониш заминаи фаъолияти эҷодист, фаъолият инкишофи қобилиятро таъмин мекунад ва қобилияти инкишофёфта боз ба азхудкунии донишҳои нави амиқтар мусоидат менамояд.

Дар ин замина системаи масъалаҳои ғайристандартӣ тибқи мавзуъҳои курси математика барои донишҷӯёни курсҳои поёнӣ таҳия гардидааст. Ва чунин системаро дар бар мегирад: масъалаҳои эвристикӣ, таҳқиқотӣ, дорои чанд роҳи ҳал, бо маълумоти нокофӣ, зиёдатӣ ва бо мазмуни касбӣ.

Инчунин, дар боб технологияи истифодаи масъалаҳои мазкур дар шаклҳои гуногуни таълим - лексия, машғулиятҳои амалӣ, семинар, кори мустақил ва лоиҳаҳои хурд пешниҳод шуда, меъёрҳои арзёбии сатҳи инкишофи қобилияти эҷодӣ таҳия гардидаанд.

Дар боби сеюм, «Озмоиши педагогӣ оид ба муайян кардани сатҳи дониши донишҷӯён бо истифодаи маводи масъалаҳои ғайристандартӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» маводи амалии озмоиши таҷрибавӣ шарҳ дода шудааст. Дар асоси натиҷаҳои оморӣ самаранокии методикаи пешниҳодшуда исбот гардидааст. Муқоисаи натиҷаҳои

гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ баланд шудани сифати дониш ва инкишофи ҷузъҳои тафаккури эҷодиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ нишон дод. Дар бахши «Хулосаҳо» натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххаси методӣ барои омӯзгорони фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ пешниҳод шудаанд. Дар «Рӯйхати адабиёт» 251 манбаи илмӣ оварда шудааст. Ҳамин тариқ, мундариҷа ва сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифаҳо ва фарзияи илмӣ пурра мувофиқ буда, кори диссертатсия кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

**10. Мутобиқати барасмиятдории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферати он ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ» (Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №493) мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Натиҷаҳои бадастомада эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию таърихӣ асоснок карда шуда, дар сатҳи зарурӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявию амалӣ, таъмин аст.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – Мирзораҳимзода М.Ҳ. ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) мувофиқат мекунад. Муаллифи диссертатсияи мазкур Мирзораҳимзода М.Ҳ. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Мирзораҳимзода М.Ҳ. кори баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, фарогири аҳаммияти зарурии илмӣ аст.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияи ҷузъӣ доранд холӣ нест.

1. Дар таҳқиқ асосан ба донишҷӯёни курсҳои 1-2 диққат дода шудааст. Арзиши илмии кор баланд мегардад, агар истифодаи системаи пешниҳодшуда дар курсҳои болоӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирифт;

2. Дар диссертатсия ба ҷанбаи байнифаннии масъалаҳои ғайристандартӣ, яъне робитаи онҳо бо физика, информатика ва иқтисодиёт эътибор дода нашудааст;

3. Муаллиф дар озмоиши педагогӣ асосан ба арзёбии сифати дониш такя кардааст. Хуб мебуд, ки ба ташаккули малакаҳои мустақилонаи таҳқиқотӣ ва кор бо адабиёти илмии донишҷӯён низ диққати бештар дода мешуд;

4. Дар хулосаи умумии диссертатсия пешниҳод оид ба ҷорӣ намудани натиҷаҳо дар системаи бозомӯзии омӯзгорон дода нашудаанд;

5. Дар рисола баъзе хатогиҳои имлоию техникӣ вомехӯранд.

Камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқи ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррargардида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асосонок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 -79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод гардидаст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математика ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Ниёзов Ҷ.М. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи математика ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (қарори № 1 аз 14-уми августи соли 2026).

**Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 20 нафар.**
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.п., дотсент, декани факултети физика,
математика ва информатика Самариддинова З.Н.

**Ташхисгар:**
н.и.педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи математика
ва методикаи таълими он: Ниёзов Ҷ.М.

**Котиби илмии ҷаласа:**
н.и.ф.м., муаллими калон: Шарипов С.Р.

Имзоҳои Самариддинова З.Н., Ниёзов Ҷ.М. ва Шарипов С.Р.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16
Тел.: (8 33 22) 2 35 06, (8 33 22) 2 36 26
Факс: (8 33 22) 3 35 06
Сомона: www.kgu.tj
E-mail: info@kgu.tj

«14» 08 с. 2026